**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Ҷурахонзода Саодат Ҷурахон ба диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонкул дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои наклиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.**

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар ҷаҳони муосир, ки иқтисодиёти рақамӣ бо суръати бениҳоят баланд рушд мекунад, аҳамияти такмил додани системаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии кормандон дар дилхоҳ соҳа торафт муҳимтар мегардад. Бинобар ин, такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ муносибати ҳамаҷонибаро дар бар мегирад, ки ҳавасмандии моддӣ (мукофотҳо, кӯмакпулиҳо) ва ғайримоддӣ (миннатдорӣ, эътирофи иҷтимоӣ, омӯзиш), ки ба эҳтиёҷоти инфиродии кормандон ва ҳадафҳои корхонаҳо нигаронида шудааст. Ин ташкили системаи возеҳ ва қобили мулоҳизаеро дар бар мегирад, ки натиҷа ва мукофотҳоро бо ҳам мепайвандад, инчунин истифодаи ҳам ҳавасмандкунӣ ва ҳам дар ҳолатҳои зарурӣ барои нигоҳ доштани ҳавасмандии баланд ва маҳсулнокӣ ниҳоят манфиятбахш аст.

Такмили механизми ҳавасмандгардонӣ ба ташкилот барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ ва ҳамзамон қонеъ кардани ниёзҳои кормандон кӯмак мекунад, ки ин боиси афзоиши самаранокӣ ва ҳосилнокии фаъолияти меҳнатӣ мегардад.

Менеҷменти муосир дорои маҷмӯи ғании воситаҳои таъсиррасонӣ ба кормандон мебошад. Мотиватсия аз ҳавасмандкунӣ ба таври куллӣ фарқ мекунад. Моҳияти ин тафовут дар он аст, ки мотиватсия яке аз усулҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад. Мафҳуми мотиватсия ба истифодаи ҳавасмандкунӣ ҳамчун таъсири

беруна ба шахсони алоҳида барои ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо асос ёфтааст. Вазифаи аввалиндараҷаи механизми мотиватсионӣ ва ҳавасмандкунӣ дар системаи идоракунии корхона ин таъсир расонидан ба қувваи кории муассиса тавассути ҳавасмандкунии онҳо ба кори самаранок тавассути таъсири иҷтимоӣ, ҳавасмандкунии коллективӣ ва инфиродӣ сурат мегирад. Дар консепсияи муаллиф, ҳавасмандкуниро бояд ҳамчун як механизми ҳамаҷониба фаҳмидан зурур аст, ки ҳам ба нишондиҳандаҳои рушди кормандон таъсир мерасонад ва ҳам онҳоро ба кори муассир дар доираи ҳадафҳои рушди корхона ташвиқ мекунад.

Таъмини самаранокии механизми ҳавасмандкунӣ аз нуқтаи назари ташкилӣ тавассути муқаррар кардани нишондиҳандаҳои самаранокӣ дар тартиби баҳодиҳии кормандон, ки ниёзҳои корхонаро инъикос мекунанд, ба даст оварда мешавад. Ин эҳтиёҷот бояд самтҳои мақсадноки ҳавасмандкунӣ ҳисобида шаванд. Рушди самтҳои ҳавасмандкунии мақсаднок ба фаҳмиши роҳбарият дар бораи ҳадафҳо ва нақшаҳои стратегӣ ва амалиётӣ, инчунин вазъи онҳо дарояндаи наздик асос меёбад. Маҳз дар ҳамин фаҳмиш, ки соҳаҳои ҳавасмандгардонии мақсаднок – соҳаҳои табдили фаъолият, ки барои ташкилот арзишманданд, ташаккул меёбанд. Таъмини самаранокии фаъолияти кормандон аз нуқтаи назари корманд тавассути таъсиси ҳавасмандкунии мувофиқ дар доираи механизми ҳавасмандкунӣ ба даст оварда мешавад.

Дар ин радиф барои мукаммалгардонии низоми ҳавасмандгардонии ҳайати кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ аз ҳамаи имкониятҳо истифода карда шуда, ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии онҳо бояд дуруст ба роҳ монда шаванд. Инчунин зарур аст, ки вазнинӣ ва мураккабии хизматрасонии нақлиётӣ дар раванди такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон ба назар гирифта шавад.

Аз ин лиҳоз, барои ҳалли муаммову мушкилоти ҷойдошта истифодаи механизмҳои нававаронаи такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилиро зарур ва саривақтӣ меҳисобем.

Ба андешаи муаллиф, ки қобили дастгирист, маҳз дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бояд шароитҳои муайянӣ ба талаботҳои ҳозиразамон ҷавобгар барои афзоиши маҳсулнокии меҳнат таъсис дода шаванд, яъне такмил додани механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ бояд ба баландшавии самаранокии истифодабарии онҳо ҳамрадиф бошад.

Ба фикри мо, маҳз аз ҳамин ҷиҳат муҳимият ва мубрамияти мавзӯи интихоб намудаи таҳқиқоти гузаронидаи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул бебаҳс буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва арзиши илмию амалӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

## 2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм

Таҳқиқоти диссертатсионии гузаронида ва ба ҳимоя пешниҳодшудаи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат (Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст) хусусан ба қисматҳои 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии тарафайни он бо тахассуси корманд ва натиҷанокии истеҳсолот; функсияҳои такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8.Бамеъёрдарорӣ, ташкил ва гуманизатсияи меҳнат, махсусияти он барои соҳаҳои мухталифи фаъолият ва категорияҳои кормандон; 9.Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, маҳак, усулҳои ченкунӣ, омилҳо ва захираҳои баландшавӣ, барномаҳои идоракунии ҳосилнокӣ; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд

Навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст омада ин муайян кардани асосҳои назариявию методӣ ва асосноккунии тавсияҳои илмӣ оид ба такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии кормандон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ифода ёфтааст.

Нуктаҳои асосие, ки навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд, аз инҳо иборат мебошанд:

1. Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявии моҳияту мафҳуми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, инчунин асосҳои методии ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар асоси таснифот гузаронида шуда, аҳамияти иҷтимоию иқтисодии онҳо дар рушди муносибатҳои бозорӣ бо дарназардошти ҷузъҳои муҳимтарини татбиқи меҳнат ва арзёбии мураккабии он дар корхонаҳои амалкунанда инъикос гардидааст(С.14-45);

2. Муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ мавриди омӯзиш қарор дода, бо назардошти он такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнати корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ тибқи тавсияву коркардҳое, ки дар муқоиса бо миқёси тарофаҳо ва имкониятҳои истифодаи захираҳои молиявие, ки аз тафриқаи музди меҳнат ба вуҷуд меоянд, ба инобат гирифтааст(С.46-57);

3. Ҳангоми таҳқиқот дар асоси таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ баррасӣ шуда, нақши онҳо дар амалисозии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» муайян карда шудааст. Таҳлили ҳолати механизмҳои татбиқшавандаи пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, монеаҳо муайян ва роҳҳои бартараф кардани онҳо дар шароити нав мушаххас карда шудааст(С.58-85);

4. Дар идомаи таҳқиқот ҳангоми таҳлил арзёбии музди меҳнат ва даромади

соҳибкорӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ гузаронида шуда, механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунӣ дар асоси арзёбии омилҳое, ки таъсири онҳо ба сатҳи ҳавасмандгардонӣ дар шароити рақобат гузаронида шудааст такмил дода шудааст (С.86-120);

5. Шарти муҳимтарин ҳангоми мукаммалгардонии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба назар гирифтани муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба ҳисоб меравад, ки он бо назардошти талаботи муосир ба хизматрасониҳои нақлиётӣ ва пардохти музди меҳнати ронандагон аниқ карда шудааст(С.121-133);

6. Маврид ба зикр аст, ки дар диссертатсия самтҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии меҳнат муайян карда шуда, самаранокии иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани онҳо дар корхонаҳо тибқи мукаммалгардонии пардохти музди меҳнати кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ бо истифодаи низоми грейдҳо пешниҳод гардидааст. Ба ақидаи муаллиф сатҳу самараи фаъолияти кормандонро дар натиҷаи истифодаи ин низом ба даст овардан имконпазир мебошад (С.134-150).

### 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Муаллиф мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян намуда, аз методикаи дар таҳқиқотҳои олимони соҳа асосёфта оид ба таҳлили хусусият ва такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатиро дар мисоли корхонаҳои автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудааст.

Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи кори диссертатсионӣ бо истифодаи методикаи муосир асоснок карда шудааст.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои асосии илмии дар кори диссертатсионӣ ба даст овардаи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ ба воситаи коркарди ҳолатҳои методӣ оид ба истифодабарии оқилонаи онҳо дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаматарафа самаранок истифодабарии иқтидори мавҷудаи захираҳои меҳнатӣ, ба эътибор гирифтани хусусиятҳои иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва иҷрои вазифаҳои нави таъмини рушди устувор ифода меёбанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар шароити муосир васеъ истифода шаванд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар амалияи корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуданд. Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро дар ҷараёни таълим барои тайёр намудани бакалавру магистрон ва докторантҳо дар доираи омӯзиши фанҳои махсус, ба монанди «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат», «Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ» ва ғайраҳо истифода кардан мумкин аст.

## 6. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Диссертатсияи тақризшаванда аз сарсухан, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати сарчашмаҳои иттилоот ва адабиёт таркиб ёфтааст. Кори диссертатсионӣ аз 199 саҳифа, рӯйхати адабиёт 178 номгӯйро дар бар гирифта, аз 39 ҷадвал ва 6 расм иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола **(саҳ.4-14)** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда,

аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми рисола пешниҳод шудаанд.

Дар боби аввали рисола – «Асосҳои назариявию методии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии корхонаҳои наклиёти автомобилӣ дар замони муосир» **(саҳ. 15-59)** паҳлуҳои назариявию методии ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, хусусиятҳои хоси фаъолияти меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои наклиёти автомобилӣ, таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аз таҳлили зербобҳо бар меояд, дар онҳо дар асоси омӯзиши пурра масъалаҳои баррасишаванда дида баромада шуда, хулосаҳои зарурӣ баровардa шудаанд, ки аз таҷрибаи хуби муаллиф доир ба таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.

Дар боби дуюми рисола –«Таҳлил ва рушди механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои наклиёти автомобилӣ» **(саҳ.60-107)** вазъи муосир ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили низоми мавҷудаи ҳавасмандкунии фаъолияти дар корхонаҳои наклиёти автомобилӣ, арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандони корхонаҳои наклиёти автомобилӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ бо истифодаи маводҳои оморӣ қарор гирифтааст.

Дар ин боб ҷойи муносиб ба арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандони корхонаҳои наклиёти автомобилӣ дода шудааст, ки ин имконият додааст, ки муаллиф такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатиро дар КНА- и Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Дар боби сеюми рисола –«Самтҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои наклиёти автомобилӣ» **(саҳ.108-155)** дар асоси таҳқиқи ҳаматарафа муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои наклиёти автомобилӣ, мукаммалгардонии истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди

меҳнат дар онҳо ва самтҳои афзалиятноки механизми ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ таҳия, асоснок ва пешниҳод шудаанд.

Ба ақидаи мо дар зербоби дуюм ва сеюми ин боб мукаммалгардонии истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнат дар онҳо ва самтҳои афзалиятноки механизми ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ амали карда шудааст, ки барои беҳдошти хизматрасонии нақлиётӣ дар шароити муосири Тоҷикистон инконият медиҳанд.

Дар хулосаи рисола **(саҳ.156-159)** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ҷиҳати такмили механизми ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ пешниҳод карда шаванд.

## 7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Чуноне, ки аз таҳлилҳои маълумоти пешниҳодшуда бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маводҳои конференсияҳои байналмиллалию ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ нашр шуданд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

## 8. Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Мазмун ва мӯҳтавои диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани унвони илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаи асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии

натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми дисератсия ба таври кофӣ мазмуну мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсияро инъикос менамояд ва асосҳои назариявӣ, илмию амалии корро ба таври мукаммал дар бар мегирад. Ҳамчунин, меъёрҳои муқарраргардидаи кори диссертатсионӣ вобаста ба ҳаҷм, тартиби ба расмият даровардани расмҳо ва ҷадвалҳо, нигориши феҳристи адабёт ҳангоми навиштани диссертатсия дуруст риоя карда шудаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои "Низомномаи шурои диссертасионӣ" ва "Тартиби додани унвони илмӣ" аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионии Ҳусензода Анвар Раҳмонқул кори мустақилона ба итмомрасондашуда, дорои унсурҳои навгонӣ ва арзишҳои илмию амалӣ мебошад ва барои дар амал тадбиқ намудани натиҷаҳои он барои такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати ҷомае мебошад. Диссертатсия бо лаҳни илмӣ, фаҳмо ва бо риояи талаботи забони давлатӣ, ислоҳоти қабулшуда навишта шудааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни диссертатсия пурра мувофиқат мекунад. Маводи асосии дифоъ автореферат мебошад, ки ҷанбаҳои асосии мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд ва талаботҳои мавҷуда дар ин самт пурра риоя гардидаанд.

## 9. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

1. Ҳангоми таҳлили асосҳои назариявию методии ҳавасамандагардонии фаъолияти меҳнатӣ нуктаи назари муаллифӣ ба таври зарурӣ асоснок ва таҳия нашудааст?

2. Дар диссертатсия нисбати олимону коршиносони ватаниву хориҷӣ таҳлили қиёсӣ ва тавзеҳи нуктаҳои назари олимон ба баҳси илмӣ кашида нашудааст. Агар ин кор мешуд сатҳу сифати кор боз арзишмандтар мегардид.

3. Ба андешаи муаллиф таҷрибаи хориҷӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳанг ва менталитети коргарон ва шароити рушди нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шавад. Аммо, кадом таҷриба ва кадом модел мушаххас нишон дода нашудааст?

4. Дар расми. 2.2. Намудҳои ҳавасмандгардонии кормандони корхонаи нақлиёти автомобилӣ нишон дода шудааст, аммо аз нигоҳи муаллиф онҳо ба таври зарурӣ шарҳу тавзеҳ дода нашудааст?

5. Дар ҷадвали 3.3 муаллиф тадбирҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти корхонаи нақлиёти автомобилиро гуруҳбандӣ намудааст. Хуб мешуд, ки татбиқи онро дар мисол ё объекти мушаххас нишон медод?

6. Муаллиф методологияи ҳисобкунии самаранокии иҷтимоию иқтисодии системаи ҳавасмандкунӣ дар муассисаи нақлиёти автомобилиро дар ҷадвали 3.10 хеле хуб нишон додааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд агар дар мисоли мушаххас ва нишондиҳандаҳо санҷида мешуд, зеро дар он сурат натиҷагирӣ намудан эҳтимолиятнок мешуд?

7. Баъзе маводҳои дар ҷадвалу расмҳо оварда шудаи диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ доранд, ки бартараф намудани онҳо ба фоидаи кор мебуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки эроду тавсияҳои зикршуда, ба фикри мо, ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 10. Хулосаи ҷамъбастӣ

Кори диссертатсионии иҷрогардида аз нуқтаи назари коркарди илмӣ, мантиқӣ, амалиётҳои таҳлилӣ, баҳодиҳии ҳолатҳо, истифодаи методҳо, асосноксозии назарияҳо, натиҷаҳо дар сатҳи баланди назариявӣ ва илмӣ-амалӣ иҷро гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)»

аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат ба итмом расонда шуда, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвони илмӣ”, ки аз 30 июни соли 2021, № 267, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
муовини директори
Маркази стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷурахонзода С.Ҷ.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Лахути, 63 х. 24.
Тел.:(+992) 907-98-69-13 (моб.).e-mail: s.mutieva@mail.ru

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, Ҷурахонзода Саодат Ҷурахонро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои Исроилова С.С.

МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО